Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17).

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати рисолаи илмии Бобохонзода Мирзо Ҷаббор дар мавзӯи “Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: менеҷмент, пешниҳод шудааст

Яке аз масъалаҳои муҳим ва зарурӣ дар шароити муосир ин заминаҳои ташаккулёбии рушди иқтисоди КАС-и мамлакат ба такмилдиҳии идоракунии рақобатпазирии КАС-и Тоҷикистон вобаста мебошад, ки онро метавон, ҳамчун ҷузъи таркибии ногузирии таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат нисбат дод, чунки он ҳамчун унсури муҳими сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин, бояд зикр намуд, ки мавзӯи интихобнамудаи Бобохонзода Мирзо Ҷаббор саривақтӣ ва актуалӣ барои иқтисоди миллии кишварамон дониста мешавад. Зеро ин масъала яке аз масъалаҳое мебошад, ки пайваста Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳои дахлдор дар барномаҳои гуногуни худ аҳамияти махсус медиҳанд. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт яке аз институтҳое ба ҳисоб меравад, ки самтҳои асосии рақобатпазирии КАС-ро таҳлил намуда, муаммоҳои бозори агроозуқавориро муайян менамояд ва барои пешниҳоди маҳсулотҳои рақобатпазир ба ин корхонаҳо тавсияҳои худро пешниҳод намуда, раванди коркарди маҳсулотҳои КАС-ро низ танзим ва назорат менамояд. Таъмини иқтисодиёт бо маҳсулотҳои рақобатпазири КАС омили асосии рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ҳисобида шуда, корхонаҳои соҳаи агросаноатӣ дар ин самт нақши калидӣ доранд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ҷабҳаҳои назариявӣ ва амалии танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор диҳад.

Дар автореферати Бобохонзода Мирзо Ҷаббор ба назар мерасад, ки муаллиф ҷабҳаҳои зиёд ва масоили вобаста ба комплекси агросаноатӣ ва самтҳои такмилдиҳии идоракунии механизми рақобатпазирии онро мавриди омӯзиши амиқ ва дақиқ қарор додааст.

Масъалаи мазкурро муаллиф аз нигоҳи илмӣ ва методологӣ асоснок намуда, дар самти такмилдиҳии идоракунии механизми рақобатпазирии

комплекси агросаноатӣ тавсияҳои асоснок ва манфиатовар пешниҳод менамояд.

Ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферати Бобохонзода М.Ҷ. зиёд ба назар мерасад. Яке аз чунин ҷиҳатҳоро метавонем назари муаллифро дар ин самт муайян намоем, ки ин "рақобатпазирӣ чун категорияи иқтисодӣ, муносибатҳоро байни иштироккунандагони такрористеҳсоли ҷамъиятӣ дар хусуси рақобат ҷиҳати бадастории натиҷаҳои беҳтарин бо хароҷоти мувофиқ, ифода мекунад. Маънидоди мазкур моҳияти рақобатро муайян намуда, зарурияти дар оянда таҳқиқи ҳаматарафаи категорияи «қобилияти рақобатпазирӣ»-ро ногузир мегардонад" (саҳ. 19). Назари муаллиф воқеан қобили қабул аст. Воқеан, имрӯз барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан барои соҳаҳои базавии иқтисодиёт самтҳои такмилдиҳии механизми идоракунии рақобатпазирии КАС бениҳоят зарур арзёбӣ мегарданд. Ғояҳои пешниҳод намудаи муаллиф дар самти такмилдиҳии идоракунии механизми рақобатпазирии КАС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим ва актуалӣ дониста мешвад.

Дастоварди дигари муаллиф дар он аст, ки зимни таҳлилҳо муайн гардид, ки поруандозӣ ба заминҳои кишт дар маҷмӯъ соли 2018 нисбати соли 1991 – 2 маротиб кам гардида, ҳамагӣ 43% -ро ташкил дода, нисбати соли 1995 – 5 маротиба кам гардида, 19% -ро ташкил медиҳад. Дар ин давра, аз ҳама тамоюли манфии поруандозӣ дар заминҳои кишти зироати техникӣ – 3%, зироати хӯроки чорво – 14%, дигар зироатҳо – 15%, кишти ғалладона – 87% -ро ташкил медиҳанд. Вазъият нисбати андохтани нуриҳои маъданӣ низ ҳамчунин аст. Тамоюли мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки агар ин ҷараён идома ёфтан гирад, на танҳо рақобатпазирии КАС, таъмини амнияти озуқаворӣ таъмин намегардад, балки ба биёбоншавии заминҳои кишоварзӣ оварда мерасонад. Бинобар ин, чораҳои саривақтии дастгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ, аз ҷумла таъмини имтиёзҳои андозию қарзӣ саривақтӣ ба ҳисоб мераванд (саҳ. 17).

Дар баробари аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва нуқтаҳои муҳим, автореферат аз норасоиҳо низ орӣ нест, ба монандӣ:

1. Беҳтар мебуд, агар муаллиф диққати асосиро ба асосҳои институтсионалии ташкили рақобатпазирии КАС равона месохт. Шояд ин нукта дар матни рисолаи илмӣ инъикос ёфта бошад. Хотиррасон менамоям, ки ин қисмат бениҳоят муҳим аст ва ба инобат гирифтани асосҳои институтсионалӣ ба мо имкониятҳои бештар медиҳад;
2. Дар оянда хуб мешуд муаллиф масъалаҳои рақобатпазириро дар сатҳи давлатҳои ҷаҳон ҳангоми тадқиқотҳои илмӣ баррасӣ менамуд.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии тадқиқоти илмии муаллифро коҳиш намедиҳанд ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор баён гардидаанд.

Дар маҷмӯъ метавон қайд намуд, ки автореферати рисолаи илмии Бобохонзода Мирзо Ҷаббор дар мавзӯи “Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: менеҷмент пешниҳод шудааст, ба ҳамаи талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: менеҷмент мебошад.

**Мудири кафедраи маркетинг-агробизнес, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Мирсаидов С.А.**

**Имзои д.и.и. Мирсаидов С.А.-ро тасдиқ мекунам.**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Мирпочоев И.Ҳ.**

**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**
**735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н, бинои 1.**
**Тел: (+992) 83422 23811**
**Веб-сомона: www.tsulbp.tj**
**E –mail: tsulbp@rambler.ru**